Латвия

# ОН ЧӢ КИ ШУМО БОЯД ДАР БОРАИ КӮЧОНИДАН ДОНЕД

## ДАРХОСТКУНАНДАГОНИ ҲИМОЯИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



**Эзоҳ:** Ин брошюра барои шумо маълумоти муҳим дорад.
Агар чизе норавшан бошад, шумо метавонед аз корманди хадамоти паноҳандагӣ хоҳиш кунед, ки онро ба шумо фаҳмонад.

TAJIK

# МУНДАРИЧА

Кӯчонидан яъне чӣ? 3

Агар шумо интихоб шавед, ба кадом кишвар кӯчонида мешавед? 4

Агар шумо барои кӯчонидан интихоб шавед, аз шумо чӣ интизор меравад? 5

Агар шумо бо мақомоти дахлдор ҳамкорӣ накунед, чӣ мешавад? 5

Чӣ бояд кард, агар аъзои оилаатон бо шумо бошанд? 6

Оё пеш аз кӯчонидан мусоҳиба сурат мегирад? 6

Агар шумо ба қарори интиқол розӣ набошед, чӣ кор карда метавонед? 7

- Шикоят барои баррасии якҷояи шикоят нисбат ба қувваи боздоранда ва шикоят оид ба моҳияти парванда 8

Раванди интиқол чӣ қадар вақт мегирад? 9

Пас аз кӯчонидан чӣ мешавад? 10

## КӮЧОНИДАН ЯЪНЕ ЧӢ?

Кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо ва 4 кишвари дигар дар мавриди як санади ҳуқуқии умумӣ – Қоидаи идоракунии паноҳандагӣ ва муҳоҷират (AMMR) ба мувофиқа расиданд. Ин қонун барои муайян кардани он, ки кадоме аз ин кишварҳо барои баррасии дархости ҳимояи байналмилалӣ масъул аст, кӯмак мекунад. Ин кишварҳо ҳамчун кишварҳои EU+ номида мешаванд.



Агар кишваре ҳамзамон миқдори зиёди дархостҳоро барои ҳимояи байналмилалӣ қабул кунад ва натавонад онҳоро коркард намояд, кишварҳои дигар метавонанд бо роҳҳои гуногун ба он кӯмак кунанд. Баъзе аз дархосткунандагон метавонанд ба кишвари дигар интиқол дода шаванд. Ин кӯчонидан номида мешавад.

Дар чунин вазъият, дархости шумо барои ҳимояи байналмилалӣ, эҳтимолан, дар ин кишвар баррасӣ нахоҳад шуд. Дар ҳоли ҳозир, танҳо 26 кишвари EU+ метавонанд дар кӯчонидан ба кишварҳои дигар иштирок кунанд.

**МУҲИМ! Шумо айни замон дар Латвия ҳастед, ки яке аз кишварҳои EU+ мебошад.**

26 кишвари EU+, ки ҳоло метавонанд дар раванди кӯчонидан иштирок кунанд, инҳоянд: Белгия, Булғористон, Ҷумҳурии Чех, Дания, Олмон, Эстония, Ирландия, Юнон, Испания, Фаронса, Хорватия, Италия, Кипр, Латвия, Литва, Люксембург, Маҷористон, Малта, Нидерландия, Австрия, Лаҳистон, Португалия, Руминия, Словения, Словакия, Финландия, Шветсия.

Панҷ кишвари «шарик» ва кишварҳои дигаре, ки айни замон дар раванди кӯчонидан иштирок намекунанд, инҳоянд: Дания, Исландия, Лихтенштейн, Норвегия ва Швейтсария.

## АГАР ШУМО ИНТИХОБ ШАВЕД, БА КАДОМ КИШВАР КӮЧОНИДА МЕШАВЕД?

Мақомоти масъул қарор қабул мекунанд, ки киҳо метавонанд кӯчонида шаванд.

Аввал, онҳо месанҷанд, ки оё шумо бо кишвари дигар **робитаҳои қавӣ** доред ё не. Ин робитаҳо метавонанд ба инҳо асос ёбанд:

- мулоҳизаҳои оилавӣ (аъзои наздики оила, инчунин хешовандони дуртар, ба монанди ҷиянҳо/амакбачаҳо/холабачаҳо);
- мулоҳизаҳои фарҳангӣ (барои намуна, агар шумо ба забони он кишвар гап занед).

**МУҲИМ!** Шумо наметавонед интихоб кунед, ки ба кадом кишвар кӯчонида мешавед.

Агар шумо ҳуҷҷатҳое дошта бошед, ки робитаҳои шуморо бо кишвари дигар исбот мекунанд, шумо бояд онҳоро фавран ба мақомот пешниҳод кунед. Дар акси ҳол, мақомот наметавонанд робитаҳои шуморо ба назар гиранд.

Аммо, ин кафолат намедиҳад, ки шумо ба он кишвар кӯчонида мешавед.



Агар шумо бо кишвари дигар робитаҳои наздик надошта бошед, шумо ба кишваре кӯчонида мешавед, ки аз ҷониби кишварҳои ба раванди кӯчонидан ҷалбшуда муайян карда мешавад.

## АГАР ШУМО БАРОИ КӮЧОНИДАН ИНТИХОБ ШАВЕД, АЗ ШУМО ЧӢ ИНТИЗОР МЕРАВАД?



Агар шумо барои кӯчонидан интихоб шавед, шумо бояд:

- бо мақомоти марбута ҳамкорӣ кунед ва дастурҳои онҳоро иҷро намоед;
- то рӯзи сафаратон дар кишвар бимонед ва мақомот бояд имкони тамос бо шуморо дошта бошанд;
- дар кишвари ташаббускори кӯчонидан бимонед, то даме ки дархости шумо баррасӣ шавад.

## АГАР ШУМО БО МАҚОМОТ ҲАМКОРӢ НАКУНЕД, ЧӢ МЕШАВАД?

**МУҲИМ!** Агар шумо аз ҳамкорӣ бо мақомот даст кашед, ин барои шумо оқибатҳои манфӣ хоҳад дошт.

Агар шумо бе иҷозати мақомот ба ягон кишвари дигар сафар кунед ё аз кишвари аввалия бароед, шумо баъзе ҳуқуқҳоеро, ки ҳамчун дархосткунанда доред, аз даст медиҳед. Масалан:

- шумо **бисёр хидматҳо ва намудҳои кӯмакро нахоҳед гирифт;**
- ба шумо **иҷозати кор кардан** ё иштирок кардан дар курсҳо **дода намешавад**.



## ЧӢ БОЯД КАРД, АГАР АЪЗОИ ОИЛААТОН БО ШУМО БОШАНД?

Агар аъзои наздиктарини оилаатон айни замон шуморо ҳамроҳӣ кунанд ва шумо барои кӯчонидан интихоб шавед, оилаи шумо бо шумо кӯчонида мешавад.

Аъзои наздики оила инҳо ҳисобида мешаванд:



- шавҳар ё зани шумо;
- шарики муҷарради шумо, ки бо ӯ муносибати устувор доред;



- фарзанди шумо (то 18-сола ва муҷаррад).

## ОЁ ПЕШ АЗ КӮЧОНИДАН МУСОҲИБА СУРАТ МЕГИРАД?



Агар аз шумо маълумоти иловагӣ талаб карда шавад, мусоҳиба таъйин карда мешавад. Мусоҳиба асосан ба масъалаҳои амниятӣ нигаронида мешавад. Агар иштироки шумо дар чунин мусоҳиба зарур бошад, мақомот пешакӣ ба шумо маълумоти муфассал хоҳанд дод.

## АГАР ШУМО БА ҚАРОРИ ИНТИҚОЛ РОЗӢ НАБОШЕД, ЧӢ КОР КАРДА МЕТАВОНЕД?



Агар кӯчонидани шумо тасдиқ карда шавад, ба шумо **қарори интиқол** бо нишон додани кишваре, ки ба он кӯчонида мешавед, дода мешавад.

Агар шумо ба қарори интиқол розӣ набошед, шумо метавонед далелҳои худро ба суд пешниҳод кунед. Ин пешниҳоди шикоят (аппелятсия) номида мешавад. Агар шумо нисбат ба қарор шикоят баред, қарори ниҳоиро суд ё трибунал қабул мекунад.




Агар зарур бошад, мушовири ҳуқуқӣ ва тарҷумон метавонанд ба шумо дар раванди шикоят (ройгон) кӯмак кунанд.
Барои шикоят бурдан нисбат ба қарори интиқол танҳо се сабаб мавҷуд буда метавонад:

- он ки кӯчонидан ба он кишвари мушаххас ҳуқуқҳои инсонии шуморо поймол мекунад;
- маълумоти нав пайдо шудааст, ки дар вақти қабули қарори интиқол дастрас набуд ва метавонист ба он қарор таъсир расонад;
- шумо дар кишвари дигар оила доред, ки бояд бо онҳо якҷоя шавед.

Агар шумо ба қарор дар бораи интиқол ба кишвари дигар розӣ набошед, шумо бояд нисбат ба он қарор ба суд шикоят баред.

## ШИКОЯТ БАРОИ БАРРАСИИ ЯКҶОЯИ ШИКОЯТ НИСБАТ БА ҚУВВАИ БОЗДОРАНДА ВА ШИКОЯТ ОИД БА МОҲИЯТИ ПАРВАНДА

Мӯҳлати пешниҳод, инчунин макон ва чӣ гуна пешниҳод кардани шикоят дар қарори интиқоли ба шумо додашуда шарҳ дода мешавад.

Шумо бояд сабаб(ҳо)еро нишон диҳед, ки чаро ба қарори кӯчонидани худ ба кишвари дигар розӣ нестед.

Шумо инчунин бояд сабаб(ҳо)ро нишон диҳед, ки чаро шумо набояд дар вақти баррасии шикоятатон ба кишвари таъиншуда интиқол дода шавед.

Суд аввал қарор қабул мекунад, ки оё шумо метавонед натиҷаи шикояти худро дар давоми **1 моҳ**, то даме ки шикояти шумо дар ҳоли баррасӣ аст, дар ин кишвар интизор шавед. Ин ҳамчун шикоят бо таъсири боздоранда маълум аст.

Агар суд қарор қабул кунад, ки шумо наметавонед натиҷаи шикояти худро дар ин кишвар дар вақти баррасии он интизор шавед, шумо ба кишвари кӯчонидан интиқол дода мешавед.

Агар суд қарор кунад, ки ба шумо иҷозати дар ин кишвар мондан дар давоми баррасии шикоятатон дода мешавад, суд кӯшиш мекунад, ки дар давоми 1 моҳ аз санаи қабул шудани қарор бо таъсири боздоранда, қарори ниҳоиро дар бораи он, ки оё шумо бояд ба кишвари кӯчонидан интиқол дода шавед ё не, қабул кунад.

Агар шикояти шумо рад карда шавад, шумо ба кишвари EU+-и масъул барои баррасии дархости шумо интиқол дода мешавед. Интиқол бояд на дертар аз 4 ҳафта аз санаи баровардани қарори ниҳоии суд сурат гирад.

**МУҲИМ!** Шумо бояд бо мақомот ҳамкорӣ кунед ва ба кишвари кӯчонидан сафар кунед.

# РАВАНДИ КӮЧОНИДАН ЧӢ ҚАДАР ВАҚТ МЕГИРАД?




Агар шумо нисбат ба қарор шикоят набаред, интиқол бояд дар давоми 4 ҳафта пас аз тасдиқи дархост аз ҷониби кишвари кӯчонидани EU+ сурат гирад.

Агар суд қарор қабул кунад, ки шумо барои мондан дар ин кишвар дар вақти баррасии шикоятатон ҳеҷ сабабе надоред, шумо ба кишвари кӯчонидан интиқол дода мешавед, то даме ки қарор қабул карда шавад.

Агар шумо нисбат ба қарори интиқол шикоят баред ва суд қарор қабул кунад, ки ба шумо иҷозат дода мешавад, ки дар вақти баррасии шикоятатон дар ин кишвар бимонед, дар сурати рад шудани шикоят, интиқол бояд дар давоми 4 ҳафта пас аз баровардани қарори шикоят сурат гирад. Ба шумо ҳадди аққал 2 рӯз пеш аз санаи кӯчонидан хабар дода мешавад. Агар шикояти шумо қабул карда шавад, шумо кӯчонида намешавед ва дар ин кишвар мемонед.

Агар суд қарор қабул кунад, ки шумо барои мондан дар ин кишвар дар вақти баррасии шикоятатон ҳеҷ сабабе надоред, шумо ба кишвари кӯчонидан интиқол дода мешавед, то даме ки қарор оиди шикоят қабул карда шавад.

## ПАС АЗ КӮЧОНИДАН ЧӢ МЕШАВАД?

Умуман, дархости шумо барои ҳимояи байналмилалӣ аз ҷониби кишвари кӯчонидан баррасӣ карда мешавад. Агар пас аз кӯчидан маълум шавад, ки шумо дар кишвари дигар аъзои оила доред, шумо метавонед ба он кишвар интиқол дода шавед, то дархости шумо дар он ҷо баррасӣ карда шавад.

Ин брошюра танҳо барои маълумот пешбинӣ шудааст. Он худ аз худ ягон ҳуқуқ ё уҳдадорӣ ба вуҷуд намеорад. Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба паноҳандагӣ (EUAA) муҳтавои асосии ин маводро таҳия кардааст ва EUAA танҳо ба кишварҳои узви Иттиҳоди Аврупо иҷозати бознашр ва тағйир додани ин брошюраро медиҳад. EUAA барои дурустӣ, муҳтаво, пуррагӣ, қонуният ё эътимоднокии маълумоти дар ин брошюра овардашуда, ки аз ҷониби кишварҳои узви ИА ё дигар шахсони сеюми масъул пешниҳод шудаанд, масъулиятро ба дӯш намегирад. На EUAA ва на ягон шахси дигаре, ки аз номи EUAA амал мекунад, барои истифодаи эҳтимолии маълумоти дар ин нашрия мавҷудбуда масъул нест.

© Агентии Иттиҳоди Аврупо оид ба паноҳандагӣ, 2025